## ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи рисолаи номзадии Ҳамроев Равшанқул Замонович**
**дар мавзӯи «Поэтикаи ашъори Гулназар»**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ**
**аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Ғановату таровати адабиёти муосири тоҷик ба ашъори арзишманду гаронмояи суханварони бомаҳорату соҳибмактаб, чун Шоири халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, нависандаву тарҷумони тавоно – Гулназар пайванди устувор дорад. Офаридаҳои бадеии ин адиби машҳур ифодагари рӯҳияву ҷаҳоншиносӣ, таъриху тамаддуни бостонӣ, орзуву ормонҳои дерина, анъанаву суннатҳо ва магзу моҳияти ҳастии моддиву маънавии халқи тоҷик буда, ӯ дар қолаби жанрҳои гуногуни ғиноӣ, амсоли фард, рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, шеъри сафед ва дигар анвои роиҷи адабии ҳавзаи суханварии имрӯзаи форсии тоҷикӣ иқтидори шоирии хешро ҷилва додааст. Ба унвони Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудани шеъри Гулназар далолат аз узубату равонии каломи шоирона, ҳунари маънисозиву мазмунбандӣ, вусъати назар, борикандешиву назокати баён ва таъсири андешаи эҷодкори мазкур менамоянд.

Аз ин рӯ, ашъори Гулназар дар адабиётшиносии имрӯзи тоҷик ба таври густурда ва дар доираи як рисолаи ҷудогонаи илмӣ ба таҳқиқ ниёз дошт.

Шоистаи дастгирист, ки шоиру муҳаққиқи шинохта Ҳамроев Равшанқул ба тадқиқи маҷмӯи аркону унсурҳои аслии ашъори Гулназар машғул гардида, ҷанбаҳои меҳварии ҳунари сухангустарии ӯро ба шеваи матлуб ба муомилоти илмӣ ворид намуд.

Аз мундариҷаи фишурдаи диссертатсия аён мегардад, ки он аз муқаддима, 3 боб, 13 фасл, 2 зерфасл, хулоса ва китобнома иборат аст.

Диссертант дар муқаддима нуктаҳои асосии вобаста ба аҳамияту омӯзиши мавзӯъ, дараҷаи тадқиқи масъалаи асосӣ, арзиши назариву амалӣ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, навовариҳои илмӣ, сарчашмаҳову методологияи корро бо такя ба ахбори сарчашмаҳои илмиву адабӣ баррасӣ ва матраҳ сохтааст.

Боби аввали рисола бештар ба пажӯҳиши рӯзгору осор ва камолоти фикриву эҷодии Гулназар нигаронида шуда, диссертант дар заминаи маводу матолиби сарчашмаҳо ба таври мухтасар доир ба мақоми адабиву ҳунарии шоир мулоҳиза меронад. Дар ин ҷо кӯшиш бар он рафтааст, ки моҳияти шаклу сохтор, мавзӯу мундариҷа ва муҳтавою дарунмояи ашъори шоир дар ду марҳалаи эҷодиёти ӯ, бо шинохти дурусти меъёру рӯҳия ва ҷаҳонбинии давру замон сурат гирад.

Унвонҷӯ дар боби дуюми таҳқиқот бештар ба омӯзиши ибтикороту бозёфтҳои шоиронаи Гулназар пардохта, бо таҳлили жанрҳои асосии эҷодиёти шоир ва овардани порчаҳои манзум истиқлоли истеъдоду ҳунарии ӯро собит менамояд. Аз мундариҷаи баҳсҳо ин андеша берун меояд, ки, воқеан, Гулназар аз суханварони навпардозу навгаро буда, дорои дарки баланди адабӣ, илҳому завқи саршор, зарифу нукташинос, маъниҷӯву маънипарвар ва тасвирсозу мазмунофар мебошад.

Ҷустуҷӯҳои босамари диссертант дар боби охирин маълум месозанд, ки ӯ ба мақсади аслии пажӯҳиши ҳамаҷиҳатаи мавзӯъ, яъне тадқиқи поэтикаи ашъори Гулназар ноил гардидааст. Ин даъворо баррасии масоили марбут ба забони шеър, равиши интихоби вожаҳо, иборасозӣ, таъбирофаринӣ, тасвирпардозиву сувари хаёл, мусиқиву таносуби лафзу маъно, саноеи шеърӣ ва омӯзиши дигар паҳлӯҳои каломи шоиронаи Гулназар таъйид месозанд.

Маҷмӯан, сохтори рисола устувор ва муносиб ба мавзӯи умумии он буда, унвонҷӯ тавонистааст, ки бо нигаҳдошти робитаву басти афкор, пайванди баҳсу муомилоти илмӣ, бо ҷӯяндагиву фарогирии

манобеи зиёд ҳосили андӯхтаҳои илмиву адабии хешро дар заминаи ашъори як тан аз адибони маъруфи рӯзгори мо – Гулназар манзури илми адабиётшиносӣ намояд.

Баробари чунин муваффақиятҳои бебаҳс дар фишурда камбудиҳои ҷузъии ислоҳпазир низ ба чашм мерасанд:

1. Унвонҷӯ дар муқаддима қисмати «Дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ»-ро бо чор суол ба охир мерасонад. Ба андешаи мо, ин шева дар кори илмӣ писандида нест.

2. Дар фишурда ғалатҳои услубӣ низ ба мушоҳида мерасанд. Масалан: «Қолаби зебои он айбе надорад» (саҳ.13), «Сурудҳояш саршори мусиқии берунию канорӣ ва дохилию маънавианд» (саҳ.21) ва гайра.

Бо итминон метавон гуфт, ки рисолаи илмии Ҳамроев Равшанқул Замонович «Поэтикаи ашъори Гулназар» ба талаботи рисолаҳои номзадии Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад.

**Мирсаидов Б.Т.,** **номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирӣ**

**Имзои Мирсаидов Б.Т.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Китобхонаи вилоятии оммавии**
**ба номи Тошхоҷа Асирӣ** **Ҷалолова М.С.**

2-юми декабри соли 2019

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ 1
www.asiri.tj
E-mail: somonzod
Тел: +992-92-723-47-37